# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсия ва автореферати номзадии Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. – Назарияи забон.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар забоншиносии муосир маъно, асосан, дар доираи самтҳои гуногуни илмҳое ҳамчун фалсафа, мантиқ, семиотика ё нишонашиносӣ, забоншиносӣ, аз қабили маъношиносии лингвистӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ баррасӣ мегардад. Пажуҳиши хусусияти маънои коннотативӣ яке аз маъноҳои прагматикӣ ҳамчун навъи маънои луғавӣ дар низоми маъношиносии луғавӣ дар доираи парадигмаи маъношиносии лингвистӣ равона гардида, ҳамчун пажуҳиши забоншиносии алоҳида ба таври ҷиддӣ баррасӣ нагардидааст.

Диссертатсияи аз тарафи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)” омодагардида ба таҳқиқ ва ошкор намудани маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бахшида шуда, мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба ихтисоси илмии 6.2.2. – Назарияи забон комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Бустонзода Тахмина Бустон мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба таҳқиқ ва ошкор намудани маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ дар мисоли “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо бахшида шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар забоншиносии муосир маъно, асосан, дар доираи самтҳои гуногуни илмҳое ҳамчун фалсафа, мантиқ, семиотика ё нишонашиносӣ, забоншиносӣ, аз қабили маъношиносии лингвистӣ, забоншиносии шинохтӣ

(когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ баррасӣ мегардад. Дар таҳқиқи мазкур, таваҷҷуҳи асосӣ ба пажуҳиши хусусияти маънои коннотативӣ – яке аз маъноҳои прагматикӣ, ҳамчун навъи маънои луғавӣ дар низоми маъношиносии луғавӣ дар доираи парадигмаи маъношиносии лингвистӣ, равона гардидааст. Маҳз ҳамин афзалиятро ба эътибор гирифта, дар кори илмии унвонҷу як навъи маъно – маънои коннотативӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ифодашавии хусусияти ин маъно – тафовуту монандӣ миёни маънои коннотативӣ ва дигар маъноҳои луғавӣ дар мисоли осори бадеӣ низ нишон дода шудааст.

**Мубрамии мавзуи пажуҳишии** мавриди назар бар он асос меёбад, ки бори аввал маънои коннотативӣ дар мисоли асари бадеӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Инчунин, дар забоншиносии муосир масъалаи муайян ва мушаххас намудани таъсири мутақобилаи маъноҳо ва таҷассуми андешаҳои арзишӣ тавассути воҳидҳои забон ва нутқ баррасӣ гардидааст. Натиҷаи афкори донишномавӣ, эҳсосӣ-ҳиссиётӣ, миллию фарҳангӣ нишон дод, ки фаҳмиши доираи муайяни мавзуъро маъно ташкил медиҳад. Интихоби мавзуъ аз он ҷиҳат муайян карда мешавад, ки маънои коннотативӣ яке аз заминаҳои асосӣ барои муайян намудани хусусият ва ҷойгоҳи он дар низоми маъношиносии лингвистӣ, бахусус, дар маънои прагматикӣ асоснок мансуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Воқеан, дар омӯзиши масъалаи мавриди таваҷҷуҳ нақш ва хидмати забоншиносони ватанӣ, монанди М.Н. Қосимова [2007], Д. Искандарова [1995; 2004], З. Мухторов [2013], С. Ҳалимов [2002], У. Саъдуллоев [2012], З. Мирзоева [2016], Ҳ. Дӯстзода [2022], Г. Сафарова [2021], М. Назаров [2022], С. Азимова [2022; 2024], Х. Бахромова [2025] ва чанде дигарон, ки бо таҳқиқоти хеш дар рушду такомули маъношиноӣ нақши беназир гузоштаанд, ниҳоят муассир аст.

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи

"Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо)" андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Дараҷаи навгонии** рисола дар он зоҳир меёбад, ки дар доираи диссертатсияи мазкур бори нахуст маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносии тоҷик муқаррар гардида, вижагиҳои умумӣ ва хос дар дарки маънои коннотативӣ нишон дода шудааст. Ҳамчунин, маънои коннотативӣ дар доираи маъношиносии лингвистӣ ва забоншиносии прагматикӣ ба роҳ монда шуда, ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар байни маъноҳои дигари прагматикӣ, ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшу қисматҳои забон бори нахуст нишон дода шудаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то "Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо)" мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, бар асоси нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфтааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, он дар 11 банд фароҳам оварда шудааст. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 6 банд иборат

аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои** рисолаи номзадии Бустонзода Тахмина Бустон дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои маъношиносии луғавӣ, забоншиносии корбурдӣ ё прагматикӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмию назариявии самтҳои маъношиносӣ хидмат намоянд.

Хусусияти маънои коннотативӣ ба ҳалли масъалаҳо барои зоҳир намудани қонунияти умумӣ ва хусусияти вижаи маъношиносии лингвистӣ ва ҳамгиройии илмҳо дар соҳаи забоншиносӣ мусоидат мекунад. Чунин амал барои ҳал намудани масъалаҳои назариявии соҳа метавонад кумак расонад.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 168 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад.

**Боби якуми диссертатсия – “Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ”** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад.

**Дар фасли аввал – “Вижагӣ ва навъҳои маънои луғавӣ”** зикр мегадад, ки маънои луғавӣ бештар чун робитаи таърихан ташаккулёфтаи инъикос дар шуури мо ва шайъ ё падидаи бо калима ифодаёфта фаҳмида мешавад. Шайъият ҷудо кардани ашёи даркшударо ба аломат ва тимсол ва дигар василаҳо, ки дар он аломат тасвири мушаххаси яклухтро ва тимсол падидаи аморфӣ, номуайян ва номаҳдудро дар худ доранд, кафолат медиҳад.

**Фасли дуюми боби якуми** диссертатсия **– “Маънои корбурдӣ (прагматикӣ) дар низоми маъношиносӣ”** доир ба соҳаи навбунёди илми

забоншиносӣ будани прагматика баҳс менамояд. Дар ин фасл, масъалаҳои умумии нутқ, расмиёти нутқ, стратегия дар муколама, назарияи лингвистии “хушгӯйӣ” ё “хушгуфторӣ”, вобастагии парадигма бо риторика, услубшиносӣ, назария ва типологияи нутқу фаъолияти нутқӣ, забоншиносии иҷтимоӣ, забоншиносии равонӣ, назарияи дискурс, фарқи маънои прагматикӣ аз маънои сигнификативӣ, истилоҳоти марбут ба он чун *индекс* (нишондиҳандаи луғавӣ ё грамматикӣ), *дейксис* (муносибати байни аломати матн ё дискурс ва вазъияти нутқ*)* ва *шифтер*ро (масалан, шахсу шумора шифтер шуда метавонад), оид ба истилоҳҳои прагматикӣ, коннотативӣ, экспрессивӣ, услубӣ, се навъи маънои луғавӣ: муносибати гӯянда ба ифодакунанда, муносибати гӯянда ба нишонӣ, маълумот оид ба вазифаҳои прагматикии калимаҳо, падид омадани маънои луғавии прагматикӣ ҳангоми корбурди парадигмаи забон, постулати миқдор, муносибат, сифат, тарз таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

**Фасли сеюми боби якум**, ки “**Ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар маъношиносии корбурдӣ”** номгузорӣ шудааст, ба маънои коннотативӣ ва ҷойгоҳи ин навъи маъно вобаста ба тарз, маврид, ҳолати гӯянда ва воқеият баҳс менамояд. Нисбат ба маъноҳои услубӣ ва эҳсосотӣ маънои коннотативӣ вижагии худро дар низоми маъноҳои прагматикӣ ё корбурдӣ дар заминаи маънои луғавии маъмулӣ бо обуранг, хусусияти экспрессивӣ ва рамзиву монандкунӣ, муқоиса ва тафриқа нишон медиҳад.

**Боби дуюми** диссертатсия–“**Таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ**” буда, инчунин аз се фасл иборат мебошад.

Дар **фасли якуми** он – “**Маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ”** масъалаҳои маънои коннотативӣ ва бархурди он бо маънои услубӣ ҳаллу фасл гардидааст.

**Фасли дуюми боби дуюми** рисола – “**Маъноҳои коннотативӣ ва маънои эҳсосӣ”** ном дошта, дар он масъалаҳои эҳсосот ва тафаккури инсонӣ бо ҳам таҳлил карда шудаанд. Эҳсосот як падидаи хеле мураккаби равонӣ буда, илми муосир таърифи дақиқ надорад. Мафҳумҳои гуногуни эҳсосот (фалсафӣ, равонӣ, маърифатӣ) ва равишҳои гуногуни таснифи эҳсосот мавҷуданд. Дар фасли мазкур вожаҳои эҳсосотӣ ба таври анъанавӣ аз рӯйи ду нишондод: мусбат ва манфӣ омӯхта шудаанд.

**Фасли сеюми боби мазкур** – “**Коннотатсия ва маънои баҳодиҳӣ**” унвон гирифтааст. Дар ин фасл андешаҳои И.В. Арнолд, И.А.Стернин, Иванова оид ба муносибати субъект ба объектҳои воқеият, таъсири мутақобилаи мураккаби субъекти баҳогузорӣ, муносибати субъект ба объект баррасӣ ва бо мисолҳо таҳлил шудаанд.Баҳодиҳӣ ҳамчун мафҳум, маънои денотативии калима амал мекунад. И.А. Стернин ин гуна калимаҳоро «аломатҳои баҳодиҳӣ» меномад. Дар фасли мазкур ду намуди баҳодиҳӣ маъмул аст: зеҳнӣ ва эмотсионалӣ муайян гардида, ифодаи онҳо дар сарчашмаи мавриди таҳқиқ хуб нишон дода шудаанд.

**Боби сеюми** рисола – “**Ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшҳои маъношиносии лингвистӣ**” номгузорӣ шудааст.

**Фасли якуми** он “**Коннотатсия дар фоносемантика”** унвон дошта, дар он масъалаҳои марбут ба фоносемантика мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин фасл андешаи муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ: Чарлз Осгуд, С.В. Михалев, А.А. Реформатский, А.П. Журавлев, Н.М. Стартсева, Л. Блумфилд, М. Саломиён, Ш. Кабиров, Л.Н. Санжаров ва дигарон вобаста ба назарияи марзи фоносемантикӣ, реэтимологизатсия, як воҳиди равонии дуҷониба будани аломати забонӣ, воҳиди муҳими забон будани овоз ва арзиши овозии хос доштани он, хусусияти коннотативӣ доштани овоз ва ранг, навъҳои гуногуни баҳо, эҳсосотро ифода кардани маъно, чен кардани калима бо шкала, ба мусбат, манфӣ ва миёна ҷудо намудани

хусусиятҳои овозҳо аз рӯйи хосиятҳои маъноӣ-коннотативӣ, семаҳои ибтидоӣ ва миёна, семаҳои эҳтимолӣ, таснифотӣ, коннотативӣ, гипосемаҳо, лексограмма оварда шудааст, ки дар таҳқиқу баррасии мавзуъ аҳаммияти хоса доранд.

**Фасли дуюми боби сеюм – "Маънои конотативӣ дар сатҳи калима"** унвон дошта, ба баррасии маънои коннотативӣ бахшида шудааст. Маълум гардид, ки дар аксар маврид фаҳмиши дақиқи гуфтаҳоро таъмин карда намешавад, зеро вожаҳо ба ғайр аз маънои бевоситаи худ, дорои мазмуни норавшан мебошанд, ки бо ифодаи нуқтаи назар, расму оин, урфу одат ва фарҳанги ин ё он халқ алоқамананд. Калимаи "ширин" аксар вақт маънои ғайричашмдошти мусбат дорад (дар асоси «хусусияти прототипии» «ширин – таъми гуворо»), аммо як маънои коннотативии барои фарҳанги тоҷикӣ алоқаманд аст. Масалан, *душмани ширин – фарзанд*: *Сарнавишти талх, пешонии шӯр, бахти баланд, бахти сафед, рӯзи сиёҳ, ниҳоли умр-фарзанд, гул-фарзанд, маъшуқа* ҳамин хусусиятро дороанд.

Дар **фасли сеюми боби сеюм** "**Ифодаи маънои коннотативӣ дар морфосемантика**" мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар робита ба морфемаҳо ва калимаҳо, ки дар сатҳи дигар мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд, чунин натиҷагирӣ шудааст, ки маънои калимаҳои сохта ё мураккаб аз рӯйи ин меъёр ду бахши шарҳи маънои воҳиди забон – морфема ва калимаро мушаххас карда метавонад. Муайян гардид, ки дар сатҳи морфо-маъноӣ морфемаҳои пешвандӣ ва пасвандӣ мавҷуданд, ки бо ҳамнишин шудан бо вожаҳои дигар қобилияти дар падид омадани воҳиди забон бо маънои ҷудо саҳим мебошанд.

**Фасли чоруми боби сеюм** рисола – "**Маънои коннотативӣ ва матн**" ном дорад. Мусаллам аст, шинохти маънои воҳидҳои сатҳи васеъ дар асоси шинохти дурусти воҳидҳои сатҳи хурд ба амал меояд. Таҳқиқ нишон дод, ки

ҳамоҳангӣ на танҳо дар бахши қисмҳои матн, балки байни иштирокчиёни муоширати (бо ҷалби донишҳои ибтидоии онҳо, сохторҳои маърифатии муштараки эмотсионалӣ ва равонӣ-аксиологӣ) ба вуҷуд меояд. Мафҳум ва мазмуни матни мутобиқро на метафизикӣ, балки ақидаҳои мушаххаси шахс дар бораи олами атроф, дар асоси дарки таҷрибавии робитаҳои ассотсиативӣ-номии байни ҷузъҳои воқеият муайян мекунад. Назарияҳои муайянро шахс қариб ҳамеша бо дарназардошти муносибати шахсии мусбат ё манфӣ, ба тариқи ошкор баррасӣ менамоянд.

**Хулосаи** диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳанд. Дар хулоса натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ дар 11 банд оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 172 адад мерасад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Диссертасия дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар муҳокима (суратҷаласаи №10 аз 06 майи соли 2026) ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи

Бустонзода Тахмина Бустон ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ дорад, сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, шеваи нигориш, масъалагузориҳо, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ ному насаби забоншиносони хориҷӣ, ки дар самти маъношиносии коннотативӣ корҳои илмиашонро анҷом додаанд, ба монанди: В. Н. Телия, Ю. Д. Апресян, В. В. Виноградов, Ню Д. Арутюнова, М.М.Бахтин, Б. А.Ларин Roman Jakobson, Charles Bally, Ivor Armstrong Richards, Roland Barthes, Umberto Eco ва дигарон тамоман зикр нагардида, номи забоншиносони ватанӣ: М.Н. Қосимова, Д. Искандарова, З. Мухторов, С. Ҳалимов, Г. Сафарова, С. Азимова такрор ба такрор оварда шудааст (**саҳ.5-6**).

2. Дар рисола дарёфт намудани воҳидҳои коннотатсионии худи муаллифи асари “Дар орзуи падар” – Кароматулло Мирзо ба маврид буда, хуб мешуд, ки дар корҳои минбаъдаи муаллифи рисола, ки ба таҳқиқи матни бадеӣ бахшида мешаванд, таҳқиқи ифодаи афкори пушидаи бадеии муаллифони осори бадеӣ дар алоқамандӣ бо дарҷи санъатҳои бадеӣ ба роҳ монда шаванд.

3. Дар зербоби якуми боби дуюми рисола – “Маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ” ибораи “зинаи ифодаи денотативӣ ва коннотативӣ” (саҳ 64.) зикр гардида, маълумоти мухтасар дар бораи мафҳуми “денотат” ва мавқеъ доштани он дар асари мавриди таҳқиқ оварда нашудааст. Хуб мешуд, ки бо овардани

маълумот дар бораи мафҳуми “денотат” ва бартарият доштани мафҳуми коннотатсионӣ нисбат ба он дар рисола бо мисол нишон дода мешуд.

4. Дар автореферати рисола ҷо-ҷо вожаи таҳқиқ дар шакли таҳқиқот мавриди корбурд қарор дошта (саҳ 7, 12), дар он хатогиҳои имлоӣ, китобатӣ (саҳ. 8, 46, 33), услубӣ (саҳ. 49, 52) ва техникӣ (дар мавриди ҷо додани аннотатсия бо забони англисӣ ҳамчун муқоваи автореферат саҳ. 55) ба назар мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Бустонзода Тахмина Бустон ҳусни аз ин ҳам бештарро зам хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)” кори ба анҷомрасида донистан мумкин аст ва муҳаққиқ масъалаҳои дар пеш гузоштаи худро хуб ба сомон расонидааст. Забони диссертатсия фаҳмо ва равону барои ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ, хоссатан бахшҳои маъношиносӣ, услубшиносӣ ва қисматҳои дигари забоншиносӣ созгор аст.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионии онро собит месозад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.2. Назарияи забон комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи номзадии **Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)”** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. – Назарияи забон** сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

**доктори илмҳои филологӣ, профессор**
**сарходими илмии Институти забон ва**
**адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рудакии**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ______________ Абодуллоева С.Ю.**

«Имзои доктори илмҳои филологӣ
С.Ю. Абодуллоеваро тасдиқ мекунам»
**Нозири калони кадри Институти забон ва**
**адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ______________ Давлатов Ф.**

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

«1» -уми июли соли 2026

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рудаки 21
**Тамос**: (+992) 93 534 26 21
**E-mail**: safinaabodulloeva77@bk.ru
**Сомона:** www.izar.tj